Ҳисобот
оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 декабри соли 2020, №703 «Дар бораи Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»
дар соли 2023

**Банди 4. Таҳияи механизми самараноки омода, таҳлил, арзёбӣ ва дурнамои талаботи бозори меҳнат (дохилӣ ва хориҷӣ) бо мақсади муайян кардани миқдоре, ки дар бозори меҳнат (дохилӣ ва хориҷӣ) талабот доранд ва таъминоти барномавии он (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд).**

Дар робита ба иҷрои банди мазкур, дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи миёнамӯҳлати Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар давоми солҳои 2023-2027 таъсиси “Маркази таҳлилии бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ” дар назди вазорат пешбинӣ гардида, айни замон таҳияи лоиҳаи оиннома ва дигар зерсанадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дастгирии коршиносони Иттиҳоди Аврупо идома дорад. Бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои асосии ин марказ омода, таҳлил, арзёбӣ ва дурнамои талаботи бозори меҳнат (дохилӣ ва хориҷӣ) ба ҳисоб рафта, бо мақсади шуруъ шудани фаъолияти бевосита дар ин самт бо дарназардошти масъалаҳои ташкилӣ, ҳамчунин гузаронидани таҳқиқоти қувваи корӣ якҷо бо мақомоти омори давлатӣ, гузаронидани таҳқиқоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, таҳқиқоти талаботи бозори меҳнат ба касбу ихтисосҳои нав якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм дар солҳои 2024-2025 анҷом дода мешаванд.

Амалишавии чорабиниҳои мазкур махзани маълумотро ҷиҳати мунтазам гузаронидани таҳлил ва арзёбиро имконпазир мегардонанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳолати воқеии бозори меҳнатро дар Тоҷикистон Таҳқиқоти қувваҳои корӣ (ТҚК), ки охирон маротиба аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 гузаронида шуда буд, муайян менамояд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар омори расмӣ зимни гузаронидани Таҳқиқоти Қувваҳои Корӣ дар соли 2016, Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 ва омори ҷории бозори меҳнат тавсияҳои 19 - уми Конференсияи байналмилалии оморчиёни меҳнат дар низоми омори миллӣ аз соли 2016 инҷониб ҷорӣ карда шудааст. Ҷорӣ намудани тасияҳои 20-уми Конференсияи байналмилалии оморчиёни меҳнат дар низоми омори миллӣ мавриди омӯзиш қарор дорад.

Бо дарназардошти ба даст овардани маълумотҳои навтарин (натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва Таҳқиқоти Қувваи корӣ) махзани маълумот нав карда мешавад.

Ҳамчунин қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷалб намудани қувваи кории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ҳамасола бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққарда мешавад ва ба давлатҳои хориҷӣ квота ҷудо мегардад.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 2023, №550 дар соли ҷорӣ ҷалб намудани қувваи кории хориҷӣ бо теъдоди 7,5 ҳазор нафар тасдиқ гардид.

Бо мақсади ҷалб намудани қуваи кории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати вазорат дар давраи баррасишаванда ба 256 субъектҳои хоҷагидор иҷозатнома дода шудааст.

Феълан тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда шумораи кормандони хориҷӣ дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо 3506 нафарро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти вазорати корҳои дохилӣ бошад дар давраи ҳисоботӣ 5445 шаҳрвандони хориҷӣ бо раводиди меҳнатӣ ба Тоҷикистон ворид гардида, муҳлати будубоши 4265 нафар шаҳрвандони хориҷӣ тамдид карда шудааст.

Барои интиқол додани қувваи корӣ ба хориҷи кишвар бошад феълан ба 38 субъектҳои хоҷагидор иҷозатнома дода шудааст ва аз ин теъдод алҳол 18 адад фаъол мебошанд. Аз ҷониби ин субъетҳои хоҷагидор дар давраи баррасишаванда 2975 нафар шаҳрвандон барои кор ба хориҷа интиқол дода шудаанд.

Бо мақсади танзим намудани раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон аз ҷониби вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” таҳия шуд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, №309 тасдиқ гардид.

Ҳисоботи оморӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар шакли №1-муҳоҷирати меҳнатӣ (нимсола) ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шаклҳои омории №2 ва №3 – муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати вазорат ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар асоси вазифаҳои низомномавӣ лоиҳаи Нақшаи қабули донишҷуён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, инчунин нақшаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дурахшандагон”-ро бо назардошти пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор ма мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия менамояд, ки раванди мазкур ҷиҳати соҳибкасб намудани шаҳрвандон заминаи зарурӣ муҳайё менамояд.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳнамои идоракунии захираҳои инсониро барои соҳаи тандурустии Тоҷикистон таҳия карда, ҷиҳати таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо кадрҳои баланд баландихтисос ҳамасола тақсимоти фардии донишҷуёни соли шашум  муассисаҳои давлатии таълимӣ дар асоси талаботи хаттии муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Тайи солҳои охир дар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон” ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ дар асоси талаботи хаттии муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ сурат мегирад. Хатмкардагони донишгоҳ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун тақсим шуда, барои гузаштани марҳилаҳои интернатура ва ординатураи клиникӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда мешаванд.

**Банди 5. Таҳия, коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои касбӣ (дар асоси салоҳият) (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Аз ҷониби Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассиса ва ташкилотҳои давлатию хусусӣ дар доираи Лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ» лоиҳаи 13 номгӯй стандартҳои салоҳият аз рӯйи касбҳои (андовачӣ-гачкор), барқчӣ (самти сохтмон), маъмури меҳмонхона, маъмури тарабхона, пешхизмат, роҳбалад (сайёҳӣ), роҳбари хоҷагии деҳқонӣ, таъмиргари техникаи кишоварзӣ, усто оид ба ҳисобкунакҳои барқӣ), механики барқӣ оид ба лифт, таъмиргари асбобҳои рӯзгор ва лоиҳаи 16 номгӯй барномаҳои таълимии модулӣ барои касбҳои «Андовачӣ», «Барқчӣ», «Васлгари таҷҳизоти барқии офтобӣ», «Васлгар ва таъмиргари хатҳои ҳавои интиқоли барқ», «Кафшергари газию барқӣ», «Коргари коркарди меваю сабзавот», «Маъмури меҳмонхона», «Маъмури тарабхона», «Пешхизмат», «Роҳбалад», «Роҳбари хоҷагии деҳқонии хурд», «Сабзаваткор», «Таъмиргари техникаи кишоварзӣ», «Усто оид ба хизматрасонии ҳисобгиракҳои барқӣ», «Хизматгузори меҳмонхона» ва «Челонгар-техники санитарӣ (сантехник)», «Таъмиргари асбобҳои рӯзгор» ва «Механики барқӣ оид ба лифт» ва дар доираи Лоиҳаи «Беҳтар намудани вазъи шуғл ва даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Тоҷикистон (GOPA)» лоиҳаи 3 номгӯй стандартҳои салоҳият аз рӯйи касбҳои фермер-истеҳсолкунандаи мева ва сабзавот, андовачӣ – рангуборчӣ ва таъмиргари компютерҳо ва телефонҳои мобилӣ ва лоиҳаи 7 номгӯй барномаҳои таълимии модулӣ барои касбҳои «Фермер-истеҳсолкунандаи мева ва сабзавот», «Устои таъмиргари кондитсионер ва яхдонҳои маишӣ», «Андовачӣ-рангуборчӣ», «Таъмиргари компютерҳо ва телефонҳои мобилӣ», «Коргари коркарди мева ва сабзавот», барномаҳои таълимии модулӣ доир ба «Малакаҳои соҳибкорӣ», «Малакаҳои маъмурӣ, рақамӣ, соҳибкорӣ ва молиявӣ барои занҳое, ки зинаи таҳсилоти асосиро хатм накардаанд» ва 2 дастурҳои таълимӣ оид ба «Малакаҳои соҳибкорӣ» ва «Малакаҳои маъмурӣ, рақамӣ, соҳибкорӣ ва молиявӣ барои занҳое, ки зинаи таҳсилоти асосиро хатм накардаанд» баррасӣ гардида, қарори дахлдор қабул карда шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар доираи Лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯйхати таҳиягарони стандартҳои салоҳият ва барномаҳои таълимии модулӣ аз рӯйи 20 касби интихобгардида тасдиқ карда шуд.

Таҳиягарони стандартҳои салоҳият бо ҷалби мутахассисони соҳа давоми даҳ рӯз дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе» харитаи фунсионалии 20 стандарти салоҳият аз рӯйи касбҳои техник оид ба шабака ва системаҳои компютерӣ, Турагент, Кандакори чӯб ва пӯсти чӯб, Занбӯриасалпарвар, Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ, Барқчии оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид), Барқчии НБО-и хурд, Харрот, Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ, Мошиначии

автокран, Мошиначии булдозер, Дуредгар, Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ, Оператори мошини ресандагӣ, Оператори мошини бофандагӣ, Оператори мошини турбофӣ, Оператори мошини рангкунӣ, Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил, Дӯзанда (либоси занона) ва Челонгар-таъмирчии кузови автомобил таҳия намуда, гузаронидани экспертизаи харитаи функсионалӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор идома дорад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, омода намудани мутахассисон ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, ҷиҳати таҳияи стандартҳои тахассусӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ гурӯҳи корӣ аз ҳисоби омӯзгорони собиқадори муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба 11 номгӯйи стандарти салоҳият аз рӯйи ихтисосҳои "Кафшергари газӣ ва барқӣ", "Муҳосиб", "Хизматгузори меҳмонхона", "Дӯзандаи либоси мардона", "Челонгар–техники санитарӣ", "Хиштчин", "Васлгар ва таъмиргари хатҳои ҳавоии интиқоли барқ", "Қаннод", "Ороишгари мӯй", "Ронандаи автомобили боркаш" "Барқчии таҷҳизотҳои барқии энергияи офтоб", "Механики кондесионер ва яхдонҳо" омода ва пешниҳод намуда, стандартҳои касбҳои зикршуда, бо қарорҳои дахлдори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд. Инчунин, 7 номгӯйи стандартҳои тахассусии (салоҳият), ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буданд, бо қарорҳои дахлдори мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ карда шуд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии тодипломӣ аз руйи ихтисосҳои "Кори табобатӣ", "Педиатрия", "Кори тиббӣ-профилактӣ", "Стоматология", "Фарматсия" таҳия ва тасдиқ карда шуда, мавриди истифода қарор доранд. Барои зинаи таҳсилоти баъдидипломӣ-ординатураи клиникӣ, дар Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино гурӯҳи корӣ оиди аз нав дида баромадани нақша ва барномаҳои таълимӣ, стандартҳои давлатии касбӣ фаъолият намуда истодааст.

Дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барномаҳои таълимӣ оид ба таҳсил дар ординатура, интернатура, ихтисосгирии аввалия ва гузаштани давраҳои такмили ихтисос барои табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ аз руйи 61 ихтисос амал менамоянд. Ҳамасола вобаста ба талаботи соҳа ба раванди таълим мавзӯъ ва барномаҳои нави таълимӣ таҳия ва ворид карда мешаванд. Вобаста ба истифодабарии усулҳои нави ташхис табобат барномаҳои нави таълимӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

**Банди 6. Таҳия намудани нақша ва барномаҳои насли нави таълимӣ барои касбу ихтисосҳо (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Дар давоми соли 2023 аз ҷониби Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 номгӯй барномаи таълимӣ бо муҳлати таҳсили 1-2 сола аз рӯйи ихтисосҳои «Андовачӣ» 20 адад ва «Техник-метеоролог» 20 адад, 11 номгӯй барномаҳои таълимӣ барои курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ба муҳлати таҳсили 1-3-моҳа аз рӯйи касбҳои «Алочабоф» 20 адад, «Дӯзанда-либосдӯз» 50 адад, «Чангакбанд» 20 адад, «Шерози ҷома» 20 адад, «Гаҳворасоз» 20 адад, «Туроператор» 10 адад, «Турагент» 10 адад, «Роҳбалад (барандаи экскурсия)» 10 адад, «Таъмири асбобҳои рӯзгор» 10 адад, «Омӯзиши забони англисӣ» 10 адад, «Картошкапарварӣ» 10 адад, ҷамъ 200 адад нашр гардид.

Инчунин, тибқи дархости муассисаҳои таълимӣ 10 номгӯй барномаи таълимии муҳлати таҳсили 1-2-сола барои касбҳои «Дуредгар» 10 адад, «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ» 20 адад, «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология» 50 адад, «Монтёри барқӣ оид ба хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизоти барқӣ» 50 адад, «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чуб» 20 адад, «Ҳисобдор бо донистани компютер» 50 адад, «Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ» 10 адад, «Кафшергари барқӣ-газӣ» 10 адад, «Фурӯшандаи маводи ғайрихӯрока» 10 адад, «Технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия» 20 адад, 3 номгӯй барномаҳои таълимӣ барои курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ба мухлати таҳсили 1-2-3-моҳа аз рӯйи касбҳои «Челонгари таъмири автомобил» 10 адад, «Сартарош (ороиши рӯй, мӯй ва нохун)» 10 адад ва «Пешхизмат» 10 адад, ҷамъ 280 адад бознашр гардид.

Инчунин маҷмӯаи нақшаҳои таълимӣ барои курсҳои кӯтоҳмудати касбомӯзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои 35 касбу ихтисос, аз ҷумла, “Адрасбоф”, “Қолинбоф”, “Сӯзанидӯзӣ”, “Зардӯз”, “Заргар”, “Гулдӯз”, “Сабадбоф”, “Ҷуроббоф”, “Мисгар”, “Кордсоз”, “Сангтарош” ва ғайраро нашр карда шудааст.

Дар солҳои 2021-2023 аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 328 адад нақша ва 174 адад барномаҳои таълимии курсҳои кӯтоҳмуддати муассисаҳои таълимии давлатию ғайридавлатӣ таҳия ва тасдиқ гардида, дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд.

Тибқи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон , Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаи тандурустӣ 18-уми августи соли 2020 баён доштанд, факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ ба факултети тиббӣ-профилактикӣ табдил дода шуда, аз оғози соли таҳсили 2020-2021 нақша ва барномаҳои таълимии ихтисосҳои факултети мазкур аз нав дида баромада шуданд. Ин омил ба зиёд гаштани теъдоди мутахассисони соҳаи эпидемиология, беҳдошт ва вирусология мусоидат намуд.

Дар соли таҳсили 2021-2022 барномаҳои таълимии бозомӯзии касбӣ аз тахассусҳои “Беҳдошти ғизо” ва “Диетология”, (4 моҳа 576 соат) ва барномаҳои такмили ихтисос “Ғизои кӯдакони синни бармаҳал (синамаконӣ, хурониши сунъӣ ва омехта, хӯрониши кӯдакони аз як сола боло)”, “Ғизои занҳои ҳомила ва модароне, ки кӯдаки ширмак доранд”, Диабети қанд ва ҳомиладорӣ, Диабети гестатсионӣ” таҳия карда шудааст.

Дар соли 2023 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 нақшаи таълимӣ, аз рӯйи 5 ихтисос “Кори табобатӣ”, “Кори момодоягӣ”, “Кори ҳамширагӣ”, “Корӣ фарматсевтӣ” ва “Кори дандонсозӣ”, инчунин нақшаи таълимии Муассисаи ғайридавлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Роғун” тасдиқ карда шуданд.

**Банди 11. Таҳияи тестҳо, нақшаю пурсишномаҳои нави машваратҳои касбӣ, равонӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, мутобиқи меъёрҳои касбӣ, ташкили фонди тестҳо (бо ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, мизҳои мудаввар, вохӯриҳо) (масъул: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Мутахассисони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамои касбӣ”-и Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пурсишномаҳои нави машваратӣ, аз ҷумла «Методикаи фаъолкунандаи роҳнамоии касбӣ», тестҳои электронии муайян намудани шавқу ҳавас ва хусусиятҳои фардии хонандагон ва бекорон «Экспресс-ташхиси касбӣ», «Тестҳои равонӣ-психологӣ барои бекорон», «Тестҳои электронии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ», «Анкета», «Профил», «Профнавигатор», “Маҳорати одамшиносӣ”, “Тести хушмуоширатӣ”, “Дараҷаи мустақилӣ”, “Ташхиси пуртоқатӣ”, “Дараҷаи худбаҳодиҳӣ” таҳия шуда, айни ҳол зиёда аз 30 намуд тести элктронӣ ва 6 намуд пурсишномаи тадқиқоти сотсиологӣ мавриди амал қарор доранд. Ҳамзамон аз ҷониби кормандони маркази мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар соли равон вохуриҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида шуданд.

**Банди 12. Гузаронидани машварати касбӣ, тадқиқоти сотсиологӣ ва равонӣ тибқи талаботи бозори меҳнат барои ҳама намудҳои касб ва ихтисосҳои коргарӣ (масъул: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон дар интихоби бошууронаи касб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тарафи кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” бо 23181 нафар хатмкунанда машваратҳои гурӯҳӣ, электронӣ ва равонӣ гузаронида шуд, ки аз ин теъдод ба ВМКБ 1539 нафар, вилоятҳои Суғд 5061 нафар, Хатлон 4662 нафар, ШНТҶ 6457 нафар ва шаҳри Душанбе 5462 нафар рост меояд.

Дар давоми соли 2023 мутахассисони маркази мазкур доир ба мавзуъҳои “Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар марҳилаи имрӯза”, “Муайян намудани рақобатпазирии шуғли ҷавонони имрӯза дар бозори меҳнат ва арзишҳои онҳо”, “Интихоби касб - талаби замон” ва “Интихоби ихтисос ва муассисаи таҳсилоти касбӣ” бо 8300 нафар, инчунин дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холи ва вазифаҳои озоде, ки дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ баргузор мегарданд, ҳамагӣ бо 12198 нафар ҷавонон ва корҷӯён тадқиқотҳои сотсиологӣ гузарониданд.

**Банди 13. Васеъ намудани доираи хизматрасониҳои роҳнамоии касбӣ барои интихоби касб барои хамткунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ) (масъулин: Вазорати**

**меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ”-и Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ доир ба васеъ намудани доираи хизматрасониҳои роҳнамоии касбӣ барои интихоби касб бо 23181 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ машваратҳои гурӯҳӣ ва равонӣ гузаронида, бо хатмкунандагон ва собиқадорони меҳнат вохурӣ, семинар-машварат ва ҷамъомадҳои гуногун доир намуданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳи ҷумҳурӣ гӯшаҳои касбинтихобкунӣ бо номҳои «Ҳамаи касбҳо хубанд», «Касби ман-ифтихори ман», «Олами касбҳо» ва ғайра мавҷуд буда, байни хонандагони синфҳои 9-11 озмуни иншои беҳтарин ва соатҳои тарбиявию дарсҳои кушод дар мавзӯъҳои «Касби дӯстдоштаи ман», «Кӣ шудан мехоҳӣ?», «Идеали ман» гузаронида мешаванд. Ҳамчунин, ҳар сол бо собиқадорони меҳнат, пешқадамони истеҳсолот, донишҷӯён, кормандони касбу кори гуногун суҳбату вохӯриҳо доир намуда, хонандагон ба ин ё он касбу ҳунар тарғиб мешаванд.

Барои баланд бардоштани завқи эҷодии хонандагон дар назди Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо зиёда аз 200 маҳфили фаннӣ бо ҷалби бештар аз 2800 нафар хонандаи болаёқат фаъолият намуда истодаанд.

Соли ҷорӣ бо мақсади дарёфт намудани хонандагони болаёқат, афзун намудани майлу рағбати донишандӯзии онҳо, ҷалби толибилмон ба чорабиниҳои илмӣ ва омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ даври якуми олимпиада аз 13 фанни таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ, даври дуюм дар шаҳру ноҳияҳо, даври сеюм дар вилоят ва даври чорум (анъанавӣ барои хонандагони синфи 11) дар сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Барои дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби довталабон, тарғибу ташвиқ ва фаҳмондани тартиби бақайдгирию қабули имтиҳонҳо, инчунин гузаронидани чорабиниҳо барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва падару модарони онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида шуданд.

**Банди 14. Ба хизматрасонии роҳнамоии касбӣ фаро гирифтани хатмкунандагони мактаб-интернатҳо, бо мақсади ҷалби онҳо ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин марказҳои касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ”-и Аентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли 2023 дар литсейи касбӣ - техникии махсуси шаҳри Душанбе бо 30 нафар касбомӯзон, дар мактаб-интернат ва Маркази кӯдакон ва наврасони ВМБК бо 40 нафар, дар мактаб-интернати ноҳияи Рӯдакӣ бо 15 нафар, дар Марказҳои кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе бо 45 нафар, шаҳри Ваҳдат бо 10 нафар, ноҳияи Файзобод бо 15

нафар, дар мактаб-интернатҳои шаҳри Душанбе 45 нафар ва вилояти Суғд бо 140 нафар хонандагон сӯҳбат машварат гузарониданд.

Бо мақсади ҷалби бештари довталабон ба Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон”-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти васеъгардонии мафкура ва ҷаҳонбинии насли ҷавон, инчунин рушди технологияи иттилоотиюкоммуникатсионӣ корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ба воситаи роҳнамоии касбӣ тариқи воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ, воситаҳои канселярии таблиғкунанда ва сафарбарии мутахассисон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст. Илова бар ин, ҳамасола шумораи муайяни хатмкунандагони мактаб-интернати кӯдакони ятиму бепарастори ба номи Раҳмон Шукури ноҳияи Темурмалик ва мактаб-интернати ноҳияи Қубодиён дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи Барномаи курси омӯзишӣ барои таблиғгарони имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ-2023, моҳи январ мутахассисони соҳибтаҷриба аз курси омӯзишии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва озмуни интихоб бо муваффақият мегузаранд ва ба ҳайси таблиғгарони имтиҳонҳо пазируфта шуда, дар рафти машғулиятҳо таблиғгарон аз воситаҳои техникӣ босамар истифода бурда, ҷиҳати беҳтар ва дақиқтар намудани ташвиқоту тарғибот тавассути воситаҳои ахбори оммаи электронию чопии маҳаллӣ, барномаҳои радиоию телевизионӣ пахш ва маводҳои таҳлилӣ чоп мегарданд.

Оид ба интихоби дурусти касб дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳо пойтахт дар байни хонандагони синфҳои 9, 10 ва 11 оид ба касбу ихтисосҳое, ки барои баланд бардоштани иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, аз ҷониби роҳбарони синф мунтазам корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Инчунин, тибқи нақша дар муассисаҳои таълимӣ хонандагони синфҳои болоӣ бо мутахассисони касбу корашон гуногун суҳбату вохӯриҳо мегузаронанд.

**Банди 15. Ба роҳнамоии касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бешуғл, муҳоҷирони меҳнатӣ, занону духтарон ва ҷавонон (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2023-ум 14091 нафар бекорон хизматрасонии роҳнамоии касбӣ гузарониданд, ки аз ин 3796 нафар занону духтарон, 406 нафар маъюбон, 8658 нафар ҷавонон, 2105 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд.

Бо мақсади ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа дар Хадамоти муҳоҷират айни ҳол 4 муассисаи давлатии “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ” аз ҷумла, дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва шаҳри Бохтар фаъолиятро ба роҳ монда, ҷиҳати пурзӯр намудани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла

забономӯзӣ ва касбомӯзӣ машваратҳо оид ба омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда, дар соли 2023 аз ҷониби марказҳои мазкур 1321 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ барои касбомӯзӣ ва забономӯзӣ ҷалб гардиданд.

Тибқи нақша дар соли таҳсили 2022-2023 аз ҷониби Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ба кабинети технологияи меҳнат (писарона ва духтарона)-и зиёд аз 20 муассисаи таълимӣ таҷҳизоти техникӣ ва олоти меҳнат харидорӣ ва таъмин карда шуд, ки омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми машғулиятҳо аз онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд ва ин амал тибқи нақша идома дорад.

Бо дарназардошти эҳёи сунатҳои миллӣ, таъмини деҳаҳои дурдаст бо кадрҳои баландихтисос, таъмини баробарии гендерӣ дар минтақаҳои аз пойтахт дури кишвар барои кушодани курсҳои ҳунарҳои мардумӣ ва касбҳои коргарӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Ба ин курсҳо бештар духтарони деҳаҳои дурдаст ва оилаҳое, ки занон дар он шуғли доимӣ надоштанд, ҷалб карда шуданд. Чунончӣ, дар шаҳри Норак дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ноҳияи Муъминобод дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ноҳияи Хуросон дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва ноҳияи Нуробод дар назди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт марказҳои таълимии касбомӯзӣ фаъолият намуда, аз рӯйи 15 касб шунавандагонро дар курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ фаро мегиранд.

Ҳамчунин, дар давоми ду соли охир бо мусоидати бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияҳои дурдаст барои кушодани коллеҷҳои тиббӣ ва ҷалби духтарони маҳаллӣ дар онҳо иқдом сурат гирифт. Аз ҷумла, Коллеҷи тиббӣ-инноватсионии ноҳияи Панҷ (ғайридавлатӣ), Коллеҷи тиббии ноҳияи Фархор (ғайридавлатӣ), Коллеҷи тиббии ноҳияи Восеъ (ғайридавлатӣ), Коллеҷи тиббии деҳоти Кангурти ноҳияи Темурмалики назди Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, Коллеҷи тиббии ноҳияи Ховалинг (ғайридавлатӣ), Коллеҷи технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ғайридавлатӣ), Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии ноҳияи Шаҳритус (ғайридавлатӣ) ва Коллеҷи тиббии шаҳри Роғун (ғайридавлатӣ) ба фаъолият оғоз намуданд.

**Банди 16. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои “Ҳафтаи интихоби касб” ва “Рӯзи дарҳои кушод” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва марказҳои касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаи таълимӣ доранд).**

Кормандони Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ”-и Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар чорабиниҳои “Ҳафтаи интихоби касб”-и 74 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда, бо хонандагон суҳбат-машваратҳо гузарониданд. Инчунин, дар рӯзҳои «Дарҳои кушод»-и 24 литсейю коллеҷҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, бо хонандагон суҳбат-машваратҳо доир намуданд. Омӯзгорони ин муассисаҳои

таълимӣ иштироккунандагонро бо синфхонаҳо ва устохонаҳои таълимӣ шинос намуда, дар бораи таърихи ин муассисаҳо ва касбҳои дар онҳо омӯзонидашаванда маълумоти пурра доданд. Чунин чорабиниҳо дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муасиссаҳои таҳсилоти касбӣ ва марказҳои касбомӯзии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, ки кормандони Марказ дар онҳо фаъолона иштирок намуданд.

Ҷиҳати интихоби бошууронаи касб давоми моҳҳои март-апрели соли равон дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ рӯзҳои "Дарҳои кушод" баргузор гардид, ки дар он хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ иштирок намуданд.

Аз ҷумла, дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино" "Рӯзи дарҳои кушод" гузаронида шуда, ба он бештар аз 100 нафар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва Марказҳои омодагии қаблии пойтахт ҷалб карда шуданд. Дар давоми чорабинӣ хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи умумии шаҳри Душанбе ҷалб карда шуданд. Дар чорабинӣ хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо шароитҳои таҳсилу зист дар донишгоҳ, имкониятҳои таълим дар факултетҳо ва марказу шуъбаҳои аз наздиқ шинос гашта, барои интихоби касби оянда бо онҳо суҳбатҳои ҷолиб баргузор карда шуд. Ҳамчунин, соли ҷорӣ бо мақсади ҷалби бештари довталабон ба донишгоҳ нашри махсуси рӯзномаи донишгоҳии "Ворисони Сино" ба чоп расонида шуд, ки дар он оиди таърих, сохтор, факултетҳо, ихтисосҳо ва дигар самтҳои фаъолияти рӯзнома "Ворисони Сино" ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ равон карда шуд, то дастраси довталабон гардонида шавад.

Инчунин, ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ тавассути шабакаҳои телевизионии "Тоҷикистон", "Ҷаҳоннамо", "Сафина", "Хатлон", "Суғд", "Душанбе" ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ корҳои муайян анҷом дода шуда, буклет ва дигар маводҳои таблиғотӣ барои қабули хонандагону донишҷуён ба нашр расонида шуд.

**Банди 17. Ташкил ва баргузор намудани семинар-машваратҳо ва ҷамъомадҳои илмию машваратӣ оид ба мавзӯи "Интихоби бошууронаи касб вобаста ба талаботи бозори меҳнат" (масъул: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Кормандони Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" дар 99 муасиссаву литсейҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо хатмкунандагон, коршиносони соҳа ва собиқадорони меҳнат вохурӣ, семинар-машварат ва мизҳои мудаввар доир намуданд. Инчунин семинарҳои ҷумҳуриявӣ бо иштироки коршиносони соҳа, собиқадорони меҳнат ва кормандони Марказ дар шаҳри Исфара, ноҳияҳои Зафаробод, Б. Ғафуров ва шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва семинар - машваратҳо дар ВМКБ, Ҷаббор Расулов ва ноҳияи Рашт гузаронида шуданд.

**Банди 18. Таъсис додани сомонаҳои интернетӣ дар муассисаҳои тахсилоти касбӣ, таҳсилоти калонсолон ва тавассути онҳо ба роҳ мондани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва**

**шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Вобаста ба иҷрои банди мазкур маълумот манзур менамоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон портали ягона таъсис дода шуда, дар он тамоми маълумоти зарурӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷой дода шудааст. Довталабон имкон доранд ба портали ягонаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ворид гардида, оид ба фаъолияти онҳо ва касбу ихтисосҳои омӯхташаванда шинос шаванд.

Илова бар ин, сомонаи "Маҳзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ" www.kor.tj, www. shugl.tj, www.kasb.tj ва www.rohnamoikasb.tj фаъол буда, шаҳрвандон метавонанд, ки барои дарёфти ҷои кор ва дигар хизматрасониҳои давлатии иҷтимоӣ бархурдор гарданд.

Айни замон дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ сомонаи "Маҳзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ" www.kor.tj, www. shugl.tj, www.kasb.tj ва www.rohnamoikasb.tj фаъол буда, шаҳрвандон метавонанд, ки барои дарёфти ҷои кор ва дигар хизматрасониҳои давлатии иҷтимоӣ бархурдор гарданд.

Ҳамзамон, дар ин давра тавассути шабакаҳои телевизионҳои "Тоҷикистон", "Сафина", "Душанбе", "Ҷаҳоннамо" ва "Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" оид ба ҷараёни касбомӯзии шаҳрвандон барномаҳо таҳия ва пешниҳод карда шуда, дар барномаҳои таҳлилии радиои "Садои Душанбе", "Радиои Тоҷикистон" ва АМИТ Ховар вобаста ба мавзӯъ маълумот дода шуд.

Давоми соли 2023 бо мақсади ҷалби бештари шаҳрвандон ба омӯзиши касбҳои талаботи бозори меҳнат кормандони маркази технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон тариқи шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ дар сомонаи расмӣ маводҳои мултимедии моҳияти таблиғотию ташвиқотӣ дошта нашр карда шуд.

Дар робита ба ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот додааст, ки бо мақсади таъмини дастрасӣ ба иттилооти саҳеҳ ва таблиғу ташвиқи дастовардҳои соҳавӣ почтаи электронӣ, сомонаи интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, фейсбук (facebook)-и муассисаи таълимӣ, инчунин, оид ба ҷойгир намудани маълумотҳо доир ба дастоварду муваффақиятҳо ва роликҳои таблиғотӣ ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 31 марти соли 2022, №04(25)/05-392 супориш дода шудааст, ки ҷиҳати масъалаи мазкур чораҳои зарурӣ андешида, номгӯи онҳоро тариқи хаттӣ ва электронӣ манзур созанд.

Бо назардошти таъкидҳои зиёд, аз 84 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 67 муассиса сомонаи интернетӣ ва 73 муассиса саҳифа дар шабакаи иҷтимоии фейсбук (facebook) кушодаанд.

Ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сомонаи интернетӣ саҳифа дар шабакаи иҷтимоии фейсбук (facebook) худро таъсис додаанд, ки онҳо фаъол мебошад. Тарғиботу ташвиқоти муассисаҳои таълимӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи онҳо пайваста ба роҳ монда шудааст.

Дар 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сомонаҳо ташкил карда шуда, фаъолияти доимро ба роҳ мондаанд. Ғайр аз ин, дар ҳамаи муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ сайт ва фаъолияти доимии интернетӣ ба роҳ монда шудааст, ки тавассути шабакаҳои гуногуни интернет ба муассисаҳои таълимӣ муроҷиат намуда, оид ба саволи худ довталаб ҷавоб пайдо карда метавонанад.

Дар ҷумҳурӣ ҳамаи муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатии таълимии “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино”, “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон”, Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, 16 коллеҷи тиббии давлатӣ ва 21 коллеҷи тиббии хусусӣ фаъолият дошта, ҳамаи онҳо дорои сомонаи интернетӣ мебошанд.

**Банди 19. Таҳия намудани овезаҳои таблиғотӣ оид ба касбу ҳунарҳои миллию муосир ва насб намудани номгӯйи онҳо дар ҷойҳои махсуси ҳудуди вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор).**

Бо мақсади эҳё ва рушди ҳунарҳои миллӣ ва муосир, муаррифӣ намудани ҳунарҳои мардумии хоси шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ, ба фурӯш баровардани маҳсулоти ҳунармандон, инчунин барои иттилоотонии шаҳрвандон Марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир дар назди муассисаҳои таълимии сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки барои қабули касбомӯзон ва ҳунаромӯзон ба марказҳо дар байни аҳолӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма, бахусус, рӯзномаҳои даврӣ, радио ва телевизион пайваста корҳои таблиғотиву ташвиқотиро роҳандозӣ менамоянд, ки дар соли 2023 дар марказҳои мазкур 9 ҳазору 909 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳунарҳои мардумии чакандӯзӣ, атласу адрасбофӣ, сандуқсозӣ, гаҷкорӣ, доирсозӣ, наққошӣ, кандакорӣ, ширинпазӣ, қолинбофӣ ва ғайраҳо тавассути барномаҳои “Мумтоз”, “Субҳ” ва “Сайёҳ”-и Телевизиони Тоҷикистон хеле хуб ба роҳ монда шуда, тарғиб ва пешкаши тамошобинон гардонидаанд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ фаъолият менамоянд овезаҳои таблиғотӣ оид ба касбу ҳунарҳои миллию муосир ва номгӯи онҳо дар ҷойҳои махсус насб карда шудааст. Масалан, дар назди Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” маркази омӯзиши касбу ҳунарҳои миллию муосир таъсис дода шудааст, ки дар он шаҳрвандон аз рӯйи касбҳои дӯзандагӣ, ошпаз, қаннод, дуредгарӣ, сартарош, гулдӯзӣ, кафшергари газиву барқӣ ва қолинбофӣ ҷалб карда мешаванд. Вобаста ба номгӯйи касбҳои зикршуда, синфхонаҳои махсус таъсис дода шуда, дар онҳо овезаҳо ва тартиби омӯзиши касбҳо насб гардидаанд, ки барои омухтани касбҳо осон мегардад.

Аз оғози соли 2023 то ин ҷониб дар синфхонаҳои марказҳои омӯзиши касбу ҳунарҳои миллию муосири Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акаедемик Муҳаммад Осимӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии

забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва коллеҷҳои технологии шаҳри Конибодом, технологии шаҳри Душанбе, техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ, омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров овезаҳои таблиғотӣ оид ба касбу ҳунарҳои миллию муосир ва номгӯи онҳо дар ҷойҳои махсус аз нав насб карда шудааст.

**Банди 21. Таъсис додани филиалҳо ва намояндагии Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо)**

Бо мақсади бештар намудани шабакаҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва дар ин замина дастрасии калонсолон ба таълими касбии босифат 4 филиал, дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ, шаҳри Гулистон, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шаҳри Норак таъсис дода шуда, шумораи филиалҳо ба 38 адад расид.

**Банди 23. Ташкил ва гузарондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии марказҳои касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Ҷиҳати баланд бардоштани малакаи касбии кормандон ва омӯзгорони Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои он давоми соли равон тибқи нақшаи корӣ зиёда аз 15 курси такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.

Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” 4 маротиба, дар доираи Лоиҳаи “Пешбурди маҳал ва таҳкими иқтисоди соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон” (German Sparkassenstiftunq) ҷиҳати омода намудани Тренер-мултипликатор аз ҳисоби кормандони марказҳои касбомӯзӣ, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) тренингҳои омӯзишӣ дар мавзуи “Афзоиши дастрасии занон дар шароити муҳоҷират ба имкониятҳои шуғл аз ҳисоби баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ”, омӯзиш дар доираи лоиҳаи Ширкати машваратии (GOPA) оид ба “Беҳтар кардани вазъи шуғл ва даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Тоҷикистон” барои омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бо коркард ва омодасозии барномаҳои модулии касбу ихтисосҳои нав, тавассути Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон ва Ташкилоти DVV international семинари омӯзишӣ дар самти омодасозии андрагогҳо барои марказҳои таълими калонсолони Тоҷикистон ва инчунин Маркази Байналмилалии Рушди сиёсати муҳоҷират (ICMPD) семинари омӯзишӣ гузаронида шудааст.

Дар соли равон 34 нафар омӯзгорони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистони Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишгоҳҳои дохили кишвар аз курси такмили ихтисос гузаштанд. Бо мақсади омӯзиши таҷрибаи донишгоҳҳои бонуфузи хориҷи кишвар донишкадаи мазкур тасмим гирифтааст, ки дар ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгоронро ба тариқи маҷозӣ ба роҳ монад.

Ҳангоми баргузории курсҳои такмили ихтисос барои шунавандагон вобаста ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, нишон додани роҳҳои дуруст интихоб намудани касб дар байни хонандагон, талқин намудани касбу ҳунарҳои миллӣ, вусъат бахшидан ба соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва бо ин мақсад ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ, бо ҷойи корӣ таъмин кардан ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани шогирдон ва дигар масоили рӯз "Лаҳзаи сиёсӣ" дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илм гузаронида, дар он аз ҷониби коршиносону мутахассисони соҳа ба шунавандагону кормандон вобаста ба рушди касбу ҳунарҳои миллӣ маълумот дода мешавад.

Барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос барои солҳои 2020-2021 (60 номгӯй аз ҷумла: фанҳои технология (таълими меҳнат), санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ) бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мазмуну мундариҷа ва мутобиқ гардонидан ба муносибати босалоҳият дар таълим аз нав таҳия карда шуда, бо қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Айни ҳол, тамоми машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим ва истифодаи модели фаъоли таълим баргузор карда мешаванд. Маводи таълимии омӯзгорон вобаста ба тахассусҳо дар шакли курси лексия таҳия карда шуда, дар кафедраҳо нигоҳдорӣ мешаванд. Сифат ва самаранокии лексия ва курсҳои такмили ихтисос аз ҷониби мутахассисон доимо мавриди мониторинг қарор дода шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илм ва ҷаласаҳои назоратии назди ректор баррасӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, дар коллеҷҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, тиббии шаҳри Исфара ва тиббии ғайридавлатии ноҳияи Рӯдакӣ шунавандагон дар курсҳои кутоҳмудати омӯзишӣ аз рӯйи ихтисосҳои кори ҳамширагӣ (Ёрии аввалияи тиббӣ) ва маҳси табобатӣ омода карда мешаванд. Ғайр аз ин, дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ курси такмили ихтисос ва ихтисосгирии аввалия ташкил карда шудааст, ки мутахассисони миёнаи касбӣ дар он такмили ихтисос ва бозомӯзӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин, дар асоси нақшаи кори Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон моҳи октябр 2 семинари омӯзишӣ ва моҳи декабр 2 семинар дар мавзӯъҳои барномарезӣ, истифодабарии муносибатҳои салоҳиятноки дар таълими фанни технологияи

инфарматсионӣ ва истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим гузаронида шуд.

**Банди 26. Ҷорӣ намудани касбҳои нави мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат барои шаҳрвандони дорои имкониятҳои маҳдуд (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Дар соли равон дар доираи лоиҳаи “Таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ” ҷиҳати фароҳам овардани шароити таълим ба шахсони дорои имконияти маҳдуд ба филиалҳои Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғ, Шуғнон, Ишкошим ва Кӯлоб 10 адад аробачаҳои худгард (электроколяска - ступенкаход) дастрас карда шуд. Иқдоми мазкур дар марказҳои таълими калонсолон бори аввал буда, имконият медиҳад, ки шахсони дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ аз хизматрасониҳои таълимӣ бемамоният истифода баранд.

Ҳамзамон ба як нафар маъюб баъди хатми курси дӯзандагӣ дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати идома додани фаъолияти кори хонагӣ аз ҳисоби маблағҳои Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон бори аввал буда, ин имконият медиҳад, ки шахсони дорои имконияти маҳдудли ҷисмонӣ аз хизматрасониҳои таълимӣ бемамоният истифода баранд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади дастгирии шаҳрвандони дорои маъюбиятдошта тавассути Марказ ва филиалҳои он омӯзиши 93 нафар маъюб, аз ҷумла аз рӯйи 29 нафар дӯзанда, 28 нафар қаннод, 20 нафар омӯзиши асосҳои компютерӣ, 1 нафар муҳосиб, 1 нафар бофанда, 9 нафар ороишгар, 1 нафар омӯзиши забони англисӣ, 1 нафар қолинбоф, 2 нафар таъмиргари телефонҳои мобилӣ ва консервакуннонию коркарди мева 1 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Ҳамзамон, ба як нафар маъюб баъди хатми курси дӯзандагӣ дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати идома додани фаъолияти кори хонагӣ аз ҳисоби маблағҳои Марказ як адад мошинаи дарздӯзӣ тақдим карда шуд.

Синфхонаҳо ва устохонаҳои таълимии касбу ихтисосҳои амалкунандаи Литсейи касбии маъюбони шаҳри Душанбе бо тамоми таҷҳизотҳо ҷиҳозонида шуда, онҳо ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ мебошанд. Махсусан дар масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати кору фаъолият намудани хонандагони имконияташон маҳдуд шароити мусоиди нишасту хез, кор бо таҷҳизотҳои гуногун барои кӯдакони имкониаташон маҳдуд фаолҳам оварда шудааст. Роҳравҳо ва зинаҳои баромадан ба ошёнаҳои боло ба талаботи имрӯз барои маъюбон мувофиқ карда шудааст. Дар литсейи мазкур аз руи 8 касбу ихтисоси дар бозори меҳнат талабот дошта, касбомӯзон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Маврид ба қайд аст, ки дар литсейи зикршуда, ихтисосҳои “Пойафзолдӯз” ва “Радиомеханик оид ба таъмир ва хизматрасонии дастгоҳҳои радио ва телевизион» амал мекунанд, ки талаботи шахсони имконияташон маҳдуд ба ин касбҳо хеле зиёд аст.

Дар масъалаи мутобиқгардонии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати дастрасии бемонеаи кӯдакони маъюб бо

дарназардошти эҳтиёҷоти махсуси онҳо, махсусан муҷаҳҳазгардонии биноҳо бо шебраҳо ва дастгоҳу васоили махсус дар ду соли охир аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Таъкид менамоем, ки айни замон, дар кишвар 63 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 84 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо бештар аз 710 нафар хонанандагону донишҷӯёни имконияташон маҳдуд таҳсил менамоянд.

Дар давоми се соли охир дар кишвар 9 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба фаъолият оғоз намуд, ки дар раванди сохтани биноҳо ва таҷҳизонидани онҳо бо компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ, барои кӯдакони имониташон маҳдуд чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар сохтмони ҳамаи биноҳои нави коллеҷҳо ба хотири ҳаракати озоди донишҷӯёни имконияташон маҳдуд, роҳҳои махсус ҳам барои Дар онҳо воситаҳои нави техникие, ки барои хонандаогини маъю зарур аст, инчунин барои бо ароба вориди бинои таълимӣ шудан шебраҳо сохта шудааст. Ҳамчунин, ба муассисаҳои таълимӣ дар баробари компютерҳои нави пешрафта, компютерҳое низ ворид карда шудаанд, ки овозӣ буда, барои кӯдаони нобино, инчунин компютерҳое, ки дорои забони ишора ҳастанд, бо теъдоди зиёд ворид карда шудаанд.

Дар коллеҷҳои тибби ҷумҳуриявӣ, тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Б.Ю. Исҳоқӣ, тиббии хусусии "Даво"-и шаҳри Бохтар, тиббӣ-иҷтимоӣ (хусусии) шаҳри Бохтар, тиббии шаҳри Левакант, тиббӣ-иноватсионии шаҳри Бохтар, тиббӣ-иҷтимоии ноҳияи Шаҳритус, тиббии ноҳияи Ховалинг ва тиббии ҷамоати Кангурти назди Донишгоҳи давлатии тиббии ноҳияи Данғара дар ноҳияи Темурмалик, технологӣ-фармасевтии Тоҷикистон, ки бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз намуданд, барои кӯдакони имонияташон маҳдуд роҳҳои махсус сохта шуда, таҷҳизотҳои компютерӣ, техникӣ ва дастгоҳҳои махсуси тиббӣ таҷҳизонида шудаанд.

Лабораторияҳо ва кабинетҳои махсус дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба хотири ҷалби хонандагони имконияташон маҳдуд ташкил карда шуда, бо компютерҳои овозӣ ва забони имову ишора таъмин карда шудаанд.

Барномаҳои махсуси компютерӣ аз Шабакаи Интернет ва дигар воситаҳо дастрас карда шуда, тавассути марказҳои тестии муассисаҳои таълимӣ вориди компютерҳо гардонида шудаанд. Ғайр аз ин, дар китобхонаи муассисаҳои таълимӣ китобҳо бо алифбои брайлӣ, китобҳои имову ишора ва таҷҳизотҳои садодиҳандаи электронӣ барои кӯдакони нимкар таъмин карда шудаанд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии "Барномаи давлатии "Муҳити дастрас" барои солҳои 2021-2025 ва дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба хонандагону донишҷӯёни имконияташон маҳдуд фароҳам оварда мешавад.

**Банди 27. Васеъ намудани доираи фарогирии табақаҳои осебпазири ҷомеа (маъюбон, модарони танҳо, аъзои оилаи муҳоҷирон, оилаҳои камбизоат) (масъулин: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароити муносиби зиндагӣ ба кӯдакони ятими кулл ва бепарасторон чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда истодааст.

Айни замон, дар 60 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии сохтори вазорат18899 нафар хонанда (5030 нафар духтар) таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 211 нафар (53 духтар) маъюб, 46 нафар (10 духтар) ятими кулл, 689 нафар (195 духтар) нимятим мебошанд.

Дар сохтори вазорат Муассисаи давлатии «Литсейи касбии маъюбони шаҳри Душанбе” ва филиали он дар ноҳияи Рӯшон амал мекунад, ки хонандагон аз ҳисоби шахсони ниёзманди ҷомеа, маъюбон, ятимон, бепарасторон ва нафароне, ки волидайнашон маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 мебошанд, ба таҳсил ва ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

Литсей ва филиали он аз рӯйи ихтисосҳои “Радиомеханик оид ба таъмир ва хизматрасонии дастгоҳҳои радио ва телевизион», “Системаи компютерӣ ва интернет - технология”, “Ҳисобдор бо донистани компютер”, “Дӯзанда”, “Пойафзолдӯз” ва “Устои дастгоҳҳои сардкунандаи системаи савдо” кадрҳои коргариро омода месозанд.

Шумораи умумии хонандагони литсей 254 нафар буда, 63 нафар духтар, 101 нафар маъюб, 1 нафар ятими кулл, 23 нафар нимятим ва 92 нафар аз оилаҳои маъюбдошта ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз ин теъдод 205 нафар хонанда дар таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд ва бо имтиёзи ҷойи хоб, се вақт хӯроки гарм, дору, сару либос ва бо гирифтани стипендия таъмин мебошанд.

Дар филиали литсей бошад, 30 нафар хонандагон таҳсил менамоянд, ки аз ин 18 нафарашонро духтарон ташкил намуда, 15 нафар маъюб, 10 нимятим ва 5 нафар аз оилаҳои маъюб мебошанд.

Дар литсей ва филиали он ба солимгардонии хонандагон аҳамияти ҷиддӣ дода, ҳамаи ҳуҷраҳои тиббӣ ва тавонбахшӣ бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Ҷиҳати дастгирии қишри осебпазири аҳолӣ, махсусан маъюбон дар Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон ва филиалҳои он таълими инклюзивӣ роҳандозӣ гардида истодааст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъкиду дастури бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳтиром ва кумак намудан ба маъюбон, махсусан кӯдакони имконияташон маҳдуд аз ҷониби вазорат тамоми чораҳо андешида шуда, шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ барои онҳо дар ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар рӯзҳои муайян, махсусан дар арафаи иду ҷашнҳо барои хонандагону донишҷӯёни имконияташон маҳдуд имтиёзҳо муқаррар гардида, дар рӯзи маъюбон, ки ҳар сол дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад, масъалаҳои марбут ба хонандагону донишҷӯёни имконияташон маҳдуд мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, дар доираи дастури Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии онҳо ва кӯмак намудан ба оилаҳои онҳо тарғибу ташвиқот роҳандозӣ мегардад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки вобаста ба имконияти ҷисмоние, ки доранд ба ихтисосҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Масалан, бештари онҳо ба ихтисосҳои омӯзгорӣ, техникӣ, иқтсиодӣ ва фарҳангӣ таваҷӯҳ дошта, бештар ба ин намуди муассисаҳо ба таҳсил мераванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бештар аз 710 нафар хонандагону донишҷӯёни имкониятașон маҳдуд таҳсил менамоянд, ки барои соҳиби касбу ҳунар шудани онҳо муассисаҳои таълимӣ шароити мусоид фароҳам оварда, масъалаҳои иҷтимоии онҳоро низ ба назар гирифта, онҳоро бо хобгоҳ ва идрорпулӣ (стипендия) таъмин намудаанд.

**Банди 28. Дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фарогирии шаҳрвандон ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ (масъул: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он дар соли 2023, 34822 нафар шаҳрвандон ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва валидатсия ҷалб гардиданд.

Аз шумораи умумӣ, тариқи роҳхатҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ 12063 нафар, тавассути худмаблағгузор 10993 нафар дар самти тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия 11766 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

**Банди 29. Ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (масъул: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Дар соли 2023 дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосири назди онҳо курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро 13 ҳазору 644 нафар шаҳрвандон аз рӯйи 48 касбу ҳунар хатм намуданд, ки 4 ҳазору 765 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

**Банди 30. Ҷалби шаҳрвандон ба курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва меҳнати хонагӣ, аз қабили қолинбофӣ, заргариву зардӯзӣ, кандакориву гаҷкорӣ, наққошиву мисгарӣ ва даҳҳо касбу ҳунарҳои суннатӣ ва дар айни замон касбу ҳунарҳои замонавӣ, аз ҷумла таъмиргарони таҷҳизоту технологияҳои электронӣ Вазорати маориф ва илм ба муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба омода намудани касбҳои коргарӣ фаъолият менамоянд, ҷиҳати такшили курсҳои омӯзишӣ нақшаҳои таълимии онҳоро тасдиқ ва дастрас намудааст.

Дар назди муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва касбҳои коргарии муҳлати таълимашон 1, 2 ва 3 моҳа

аз рӯйи равияҳои техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, забономӯзӣ ва ронандагӣ фаъолият менамояд, ки теъдоди онҳо зиёда аз 500 адад буда, ҳар нимсола то 50000 нафар ин муассисаҳоро хатм менамоянд.

Инчунин, дар коллеҷҳои техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, муҳансию омӯзгории шаҳри Душанбе, информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе, технологии шаҳри Душанбе, кӯҳии ба номи С.Юсуповаи назди Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, омӯзгории шаҳри Ҳисор, техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ, муҳандисию техникии шаҳри Роғун, омӯзгории шаҳри Турсунзода, муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод, металлургии шаҳри Турсунзода, омори шаҳри Ваҳдат, сайёҳӣ ва хидмат дар шаҳри Ваҳдат, муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Бохтар ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии ба роҳ монда шудааст. Муассисаҳои таълимӣ шунавандагонро аз рӯйи 32 ихтисосҳои забони русӣ, забони англисӣ, омӯзиши кор дар компютер, муҳосиб бо донистани компютер, дӯзанда, дизайнерӣ (либос), ороишгари мӯй, монтёри барқӣ, кафшергари барқӣ, кафшергари газию барқӣ, ронандаи автомобил (аз рӯйи дараҷаҳои “B”, “BC”, “D”), системаи компютерӣ ва Интернет технология, назоратчӣ-хазинадор, бофанда, технологияи истеҳсоли консерва, менеҷери тарабхона, пешхизмат, дӯзанда, ошпаз, қаннод, ошпаз-қаннод ва ҳуҷҷатнигорӣ ҷалб карда мешаванд. Инчунин, дар коллеҷҳои ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов ва ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан аз рӯйи ихтисосҳои санъати ороиши амалӣ (наққошӣ), рассомӣ, коркарди бадеии чӯб (армуғонсозӣ), кулолгарии бадеӣ (армуғонсозӣ), зебоисозии матоъ (зардӯзӣ, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ) дар курсҳои кӯтоҳмуддат шунавандагонро дар курсҳои кӯтоҳмуддати 3 ва 6 моҳа омода менамоянд.

Ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимии мазкур курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ аз рӯйи касбҳои устои сохтмончӣ, механикаи барқӣ оид ба лифтҳо, ҳисобдор бо донистани компютер, хазинадор – назоратчӣ, барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил, радиотехника оид ба таъмири таҷҳизоти радиоэлектронӣ, монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ, челонгар оид ба таъмири муҳаррикҳои автомобил, тозакунии канданиҳои фоиданок ва истифодабарии техники таҷҳизоти нерӯгоҳҳо ва шабакаҳо муҳлати таҳсилашон 1, 2 ва 3 моҳа ба роҳ монда шудааст.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро соли 2021 935 (462 нафар духтар ва 66 нафар маъюб) нафар, соли 2022 799 (455 нафар духтар ва 49 нафар маъюб) нафар ва соли 2023 1071 (522 нафар духтар ва 28 нафар маъюб) нафар хатм намуда, соҳиби сертификат ва шаҳодатномаи касб гардидаанд.

Дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе”курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ба муҳлати 2 моҳ ташкил карда шудааст, ки дар соли 2023-ум 370 нафар, аз ҷумла 153 нафар зану духтар курсҳои мазкурро хатм намуданд.

Тибқи маълумоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ” тибқи иҷозатнома омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯйи

касбҳои “Кафшергари барқӣ”, “Ронандаи автомобил дараҷаи С”, “Тракторчӣ”, “Барқчӣ васлгар” ва “Дӯзанда” ба роҳ монда шудааст, ки ҷавонон фарогирии ин курсҳои кутоҳмуддат мебошанд.

Дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М.Олимов курси кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз рӯйи ихтисосҳои санъати тасвирӣ (рассомӣ) шариқи шартномавӣ амал мекунад, ки 30 нафар соҳибкасб гардида, 10 нафар таҳсил карда истодаанд.

**Банди 31. Дар марказҳои касбомӯзӣ ва паркҳои технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Вобаста ба ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзӣ ва паркҳои технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст.

Дар Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи энергетикаи Тоҷикистон ҳангоми ворид гардидани тағйирот ба замимаи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ АУ №0002641 аз 13 ноябри соли 2021, №7166 аз рӯйи 16 самт курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ, аз ҷумла аз рӯйи касбҳои кафшергари барқӣ, барқчӣ, менеҷменти истеҳсолӣ, сохтмончӣ, тайёрӣ, устои барқ, челонгари барқии дастгоҳҳои назоратӣ-ченкунӣ ва автоматика, челонгари таъмири таҷҳизотҳои барқӣ, нозири дастгоҳҳои истеҳсолоти химиявӣ, мошинисти таҷҳизоти пойгоҳӣ-компрессорӣ, озмоишгари таҳлили химиявӣ, кафшергари барқу газӣ, харрот ва устои тунукасоз ва оиққорӣ ба роҳ монда шудааст, ки хоҳишмандон фарогири ин курсҳо гардида, соҳибкасб мегарданд.

Дар асоси маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намоем, ки дар назди паркҳои технологии як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ташкил карда шудааст. Масалан, дар назди парки технологиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷкистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, Донишкадаи кӯҳи металлургии Тоҷикистон ва диг. Масалан, дар курсҳои кӯтоҳмуддати назди парки технологии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон курсҳои кафшергарӣ, барқчиёни хурд, омӯзиши забонҳои англисию русӣ, курсҳои омодагӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҷиҳати дохил гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъсис дода шуда, теъдоди зиёди шунавандагон ҷалб гардидаанд.

Дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд доираи фаъолияти парки технологӣ якчанд соҳаҳоро дарбар мегирад. Аз ҷумла, соҳаҳои барномарезӣ ва технологияи информатсионӣ, коркарди модели либосҳо ва дӯхти он, хизматрасонии автомобилӣ, хӯроки омма ва ғайра.

Дар Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи дантурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ дошта, ки ҳоҳиши бозомӯзӣ ва ё ивази ихтисос доранд, барномаҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ, аз ҷумла давраҳои

таълимӣ дар соли 2023-юм 2083 нафар кормандони миёни тиббӣ ба таҳсилфаро гирифта шуданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, соли 2021, 2229 (1004 нафар духтар ва 31 нафар маъюб) нафар, соли 2022 3143 (1358 нафар духтар ва 13 нафар маъюб) нафар ва соли 2023 1545 (691 нафар духтар ва 9 нафар маъюб) нафар хатм кардаанд.

Дар МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд ҳамкориро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Фонди Оғохон дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ барои фаъолияти Маркази таҳсили донишкада дар фосилаи Шуъбаи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон харидорӣ ва насб карда шуд. Инчунин, бо дастгирии Ташкилоти ICAP, Маркази таҳсил дар фосила бо таҷҳизоти лозимӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, дар ин замина барои 150 нафар мутахассисони муассисаҳои тиббии кишвар ба таври дистансионӣ давраҳои омӯзишӣ баргузор карда шуданд. Ғайр аз ин, бо дастгирии Ташкилоти JAUZET ва Бонки умумиҷаҳонӣ, барои пешбурди фаъолияти таълимию малакаомӯзии кафедраи тибби оилавӣ, таҷҳизоти зарурии таълимӣ дастрас карда шуд.

Дар Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз рӯйи ихтисосҳои банаворгирии операторӣ, аксбардорӣ, навохтани созҳои мусиқӣ (карнай, сурнай, кларнет, доира, дабал, гитара), таъмири асбобҳои мусиқӣ амал мекунад, ки аз рӯйи теъдоди хоҳишмандон ба курсҳо қабул карда шуда, тариқи шартнома таҳсил мекунанд. Курсҳо бо давомнокии 2,3 ва 6 моҳ ташкил карда мешаванд.

Дар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон курсҳои кутоҳмуддат аз рӯйи ихтисосҳои дӯзандагӣ (тарроҳи либос-дизайнер) ва санъати тасвирӣ (рассомӣ)-ро тариқи шартномавӣ ба роҳ мондааст, ки баъд аз хатм шаҳодатномадода мешавад. Айни замон дар гурӯҳҳои дӯзандагӣ 11 нафар ва санъати тасвирӣ 27 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**Банди 33. Фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии бахши хусусӣ (масъулин: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 115 муассисаи таҳсилоти иловагӣ барои пешбурди фаъолияти таълимии курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ иҷозатнома дода шуд.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ 389 адад марказҳои омӯзишӣ дар асоси иҷозатнома фаъолият карда истодаанд, ки аз инҳо 221 адад маркази касбомӯзӣ ва 168 адад маркази забономӯзӣ мебошанд.

Аз 221 адад марказҳои касбомӯзии ғайридавлатӣ 207 адади онро маркази ғайридавлатии ронандатайёркунӣ (Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд,

Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа ва Ташкилоти ҷамъиятии Иттифоқи автомобилчиёни Тоҷикистон) ташкил медиҳанд.

Дар соли 2023 марказҳои касбомӯзии ҷумҳуриро 155263 нафар (45769 нафар зан) хатм намуданд. Аз инҳо 147103 нафар (44137 нафар зан) курсҳои кутоҳмуддати ронандагӣ ва 8160 нафар (1632 нафар зан) курсҳои кутоҳмуддати касбҳои гуногунро хатм кардаанд.

Марказҳои забономӯзиро бошад дар соли равон 9277 нафар (3213 нафар зан) хатм кард.

**Банди 34.Ташкил ва баргузор намудани озмунҳо дар самти касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Иттиҳодияи корфармоён)**

Бо мақсади зиёд намудани майлу рағбати шаҳрвандон дарёфт ва тарбияи истеъдодҳо, инкишоф додани қобилияти зеҳнӣ ва маҳорати касбии хонандагон дар муассисаҳои давлатии таълимии системаи вазорат маҳфилҳои фаннӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷумла, маҳфилҳои «Техникони ҷавон», «Ҳунарҳои миллӣ», «Қолинбофӣ», «Ҳомиёни Ватан», «Соҳибистеъдод», «Гулдаст», «Дӯзанда», “Математикаи сеҳрнок”, “Физика дар касби мо” ва “Химикони ҷавон” фаъолият менамоянд, ки ҳар кадом то 30 нафарӣ аъзо доранд. Маҳсули кори эҷодии хонандагон дар намоишгоҳи муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд.

Вобаста ба тарғиби донишҳои назариявӣ ва амалӣ, инкишофи шавқу завқи хонандагон, тақвияти кӯшиши онҳо ба корҳои эҷодӣ, тарғиби интихоби касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд, тақвияти тафаккури техникии онҳо ва рушди малакаи касбии хонандагон дар доираи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои кафшергарӣ баркӣ ва дӯзанда, моҳҳои майи-июни соли равон дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор карда шуд.

Даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» дар шаҳри Душанбе доир гардида, ғолибон бо дипломҳои дараҷаи 1, 2 ва 3 ва барои иштироки фаъолона ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо сипоснома сарфароз гардонида шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагони эҷодкор, сайқал додани маҳорати эҷодӣ-касбӣ, инчунин дар руҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ тарбия намудани насли наврас тибқи фармоиши Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо дар Маркази таҳсилоти иловагии вилоятҳо озмуни вилоятии «Дастони моҳир» аз рӯйи 5 бахш гузаронида шуд. Дар озмуни мазкур аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ғолибони даври шаҳрӣ, ноҳиявӣ иштирок намуда, ғолибон ва иштирокчиёни озмун бо диплому сипоснома ва тухфаҳои хотиравии раёсатҳои маорифи вилоятҳо қадрдонӣ шуданд.

Ҳар сол озмунҳои гуногун оид ба тарғиби касбу ҳунар доир мегарданд, ки донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ дар онҳо иштирок ва қуваозмоӣ менамоянд.

Масалан, рӯзи 23-юми майи соли равон дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан” даври ҷумҳуриявии Озмуни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳти унвони “Рассоми беҳтарин” аз рӯйи 7 номинатсия (ҳайкалтарошӣ, коркарди бадеии чӯб, санъати ориши амалӣ, бофандаи бадеӣ, графика, рассомӣ, зебоисозии либос ва матоъ) баргузор гардид.

Тибқи рӯйхат 45 донишҷӯй барои иштирок дар озмунҳои зикргардида аз 5 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи фарҳанг ва санъат фаъолона иштирок намуданд.

Аз рӯйи натиҷаи хулосаи комиссия 27 донишҷӯй сазовори ҷойҳои ифтихорӣ (11 нафар сазовори ҷойи якум, 10 нафар сазовори ҷойи дуюм ва 6 нафар сазовори ҷойи сеюм) гардида, бо мукофотҳои пулӣ ва дипломҳои дараҷаи якум, дуюм ва сеюм қадрдонӣ карда шуданд.

Инчунин, 4 донишҷӯй барои фаъолона иштирок намуданашон дар озмунҳои мазкур бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор дониста шуданд.

Дар ҷамъбасти озмуни рассоми беҳтарин Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов бо гирифтани 4 ҷойи якум ва 2 ҷойи дуюм - сазовори ҷойи аввал;

Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан бо гирифтани 1 ҷойи якум, 5 ҷойи сеюм ва 1 ҷойи чорум - сазовори ҷойи дуюм;

Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи Содирхон Ҳофиз бо гирифтани 1 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм ва 1 ҷойи чорум - сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

**Банди 35. Таҳия ва татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти касбомӯзии шаҳрвандон (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши хусусӣ ва шарикони рушд).**

Ҷиҳати рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фаҳмондадиҳии васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бо иштироки соҳибкорону сармоягузорон дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе семинарҳои омӯзишӣ дар давоми соли ҷорӣ баргузор гардид.

Вобаста ба касбомӯзии шаҳрвандон аз ҷониби Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон”-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ бо ҷалби мутахассисони кишвар ва ташкилотҳои байналмилалӣ зиёда аз 50 тренинг ва курсҳои омӯзишӣ баргузор гардид.

Курсҳои мазкур дар мавзӯъҳои “Соҳибкорӣ барои кӯдакон”, “Саёҳат ба ҷаҳони молия, пули ҷайбиро чӣ гуна бояд сарф кард”, “Роҳбарӣ ва ташкили гурӯҳ”, “Тиҷорат ва наврасон”, “Мастер-класс оид ба тарзи омода намудани хӯрокҳои миллӣ аз ҷониби занон”, “Оид ба тарзи таҳияи нақшаи тиҷоратӣ”, “Роҳбарӣ”, “Муомилоти пулӣ”, “Дарёфти идеяҳо”, “Оид ба тарзи коркарди

маҳсулотҳои кишоварзӣ” ва дигар мавзӯъҳо давра ба давра дар минтақаҳои шаҳру ноҳияи кишвар байни шаҳрвандон гузаронида шуданд.

**Банди 36. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва грантҳо барои таҳкими заминаи моддию техникии марказҳои касбомӯзӣ (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд)**

Дар доираи лоиҳаи “Кӯмак ба рафъи оқибатҳои иқтисодии COVID-19 барои беҳтар намудани шароити зиндагӣ, имкониятҳои шуғл ва ҳамкории минтақавӣ дар водии Фарғона” ба филиалҳои шаҳри Исфара, Конибодом ва Мастчоҳ аз рӯи касбҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ таҷҳизотҳои зарурӣ харидорӣ карда шуданд, ки дар соли 2024 тибқи тартиб ба рӯйхат гирифта мешаванд.

Ҷиҳати татбиқи босамари лоиҳаи “Беҳтар намудани вазъи шуғл ва даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Тоҷикистон” филиалҳои Марказ дар шаҳру ноҳияи озмоишӣ (Душанбе, Бохтар, Ёвон, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Ҳисор, Ашт, Конибодом, Исфара, Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Мастчоҳ, Панҷакент) аз рӯи яке аз дар бозори меҳнат зарурӣ, аз қабили “Консервакунонии меваю сабзавот”, “Фермер”, “Устои таъмири кондитсионерҳо ва яхдонҳо”, “Андовачӣ-рангуборчӣ” бо таҷҳизот таъмин карда шуданд.

Ҳамчунин, дар доираи лоиҳаи “Таҳкими устувории иҷтимоӣ – иқтисодӣ” дар бинои филиал ва намояндаҳои Марказ дар шаҳри Хоруғ, ноҳияи Шуғнон, ноҳияи Ишкошим, ҷамоати деҳоти Язгуломи ноҳияи Ванҷ, ноҳияи Панҷ, ноҳияи Ҳамадонӣ, шаҳри Кӯлоб 3 утоқ (синфхонаи таълимӣ, синфхонаи умумӣ бо мизу курсӣ ва як утоқи корӣ) таъмиру таҷҳизотонида шуданд.

Дар доираи иҷрои Созишномаи қарзӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд ва татбиқи самараноки лоиҳаи “Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ (VOLIP) дар Тоҷикистон” бо розигии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Марказҳои таълимии касбомӯзӣ дар шаҳри Норак, ноҳияи Мӯъминобод, ноҳияи Хуросон ва ноҳияи Нуробод таъсис дода шуд, ки аз рӯйи 15 касбҳои коргарӣ шунавандагонро дар курсҳои кӯтоҳмуддат омода намуданд.

Айни ҳол, марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур оғоз гардида истодааст, ки тибқи нақша дар назди зиёда аз 10 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ Марказҳои касбомӯзӣ ва хобгоҳу устохонаҳои таълими истеҳсолӣ сохта ба истифода дода мешавад.

Бо мақсади андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҷалб намудани шаҳрвандон ба касбомӯзӣ, дастгирии рушди соҳибкории хурд ва инкишофи ҳунарҳои миллӣ ва муосир, таҳкими мероси фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои таърихии ҳунаромӯзии халқ, ҷалб ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷонбаи аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, дастгирии фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун воситаи васеъ намудани шуғли пурмаҳсул ва ба шуғли доимӣ таъмин кардани аҳолӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 80

лоиҳаи занону бонувон ҳунарманд бо маблағи 2 млн 500 ҳазор сомонӣ дастгирӣ ёфт, ки тибқи он зиёда аз 500 ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода мешавад.

**Банди 38. Ташаккул ва татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ дар самти касбомӯзӣ (Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таълимӣ доранд).**

Лоиҳаи Бонки Осиёии Рушд "Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ" аз моҳи феврали соли 2021 тадбиқ шуда истодааст, ки ҳадафи асосии он ба васеъ намудани шуғли самаранок мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона гардида, натиҷаи ниҳоии лоиҳа ба беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавии ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ нигаронида шудааст.

Бо мақсади коҳиш додани осебпазирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯмак ба ҷавонон дар дарёфти ҷойҳои кории беҳтар, лоиҳа се Маркази хизматрасонӣ ба муҳоҷиронро таъсис дода, муҷаҳҳаз мегардонад, ки ин марказҳо имкониятҳои зеринро - барномаҳои нави таълимии пеш аз сафар, пеш аз шуғл, тақвияти саводнокии ТИК, ташаббуси озмоишӣ оид ба тағйир додани рафтору муносибати муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо, хизматрасонии машваратӣ оид ба шуғл барои муҳоҷирони меҳнатии баргашта, муҳайё месозанд.

Муҳоҷирон дар махзани маълумоти марказҳо ба қайд гирифта мешаванд. Барномаи таълимӣ оид ба муҳоҷират, курсҳои кутоҳмуддати забономӯзӣ ва малакаҳои ибтидоии касбӣ ба муҳоҷирон дар дарёфти ҷойҳои кории беҳтар ва шароити бехавфи зиндагӣ дар кишварҳои муҳоҷирати меҳнатӣ кӯмак хоҳад кард. Ин марказҳо инчунин, омӯзиши саводнокии молиявиро барои интиқоли бехатари пул ва омӯзиши ТИК-ро барои осонтар кардани дастрасӣ ба иттилоот оид ба таъминоти иҷтимоӣ муҳайё хоҳанд намуд.

Бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа оид ба касбомӯзӣ ва ба ин васила такмил додани самти касбомӯзӣ дар ҷумҳурӣ соли 2023 мутахассисони Марказ дар як қатор семинар, конфронс ва сафарҳои омӯзишӣ дар кишварҳои Япония, Олмон, Қазоқистон, Филиппин ва Туркия иштирок карданд.

Дар доираи иҷрои Созишномаи қарзӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд ва татбиқи самараноки лоиҳаи "Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ (VOLIP) дар Тоҷикистон" бо розигии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Марказҳои таълимии касбомӯзӣ дар шаҳри Норак, ноҳияи Мӯъминобод, ноҳияи Хуросон ва ноҳияи Нуробод таъсис дода шуд, ки аз рӯйи 15 касбҳои коргарӣ шунавандагонро дар курсҳои кӯтоҳмуддат омода намуданд.

Айни ҳол, марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур оғоз гардида истодааст, ки тибқи нақша дар назди зиёда аз 10 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ Марказҳои касбомӯзӣ ва хобгоҳу устохонаҳои таълими истеҳсолӣ сохта ба истифода дода мешавад.

**Банди 39. Дар литсейҳои касбии техникӣ ва марказҳои таълими калонсолон васеъ ба роҳ мондани валидатсияи малакаҳои касбии шаҳрвандон, аз ҷумла тавассути ташкили курсҳои сайёр дар деҳоти дурдаст (масъулин: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ).**

Дар шароити нави пешрафти иқтисодиёт пайдо намудани роҳҳои наву имкониятҳои осон баҳри амалисозии эътирофи салоҳияти касбии шаҳрвандон пеш омада истодааст. Дар иртибот ба ин масъала, давоми соли ҷорӣ "Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон" 2 маротиба дар дастгоҳи марказии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудавварро дар мавзӯи "Беҳтарсозии раванди амалисозӣ ва эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия" баргузор намуд.

Тибқи Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия, ки бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидааст, дар соли равон дар муассисаҳои таълимии тобеи вазорат малакаи касбии 11699 нафар шаҳрванд бо шаҳодатнома тасдиқ карда шуд.

**Банди 41. Гузаронидани мониторинг ва арзёбии раванди касбомӯзии шаҳрвандон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар доираи Барнома (масъулин: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (муассисаҳои таълимии давлатӣ), Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон), Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ).**

Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ доранд, мавриди гузаронидани санҷишҳо (аттестатсия, акредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ) ба фаъолияти таълимии минбаъдаи онҳо дар самти омода кардани кадрҳои коргарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилу хориҷӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба омӯзиши касбҳои муосиру замонавӣ ва ҳунарҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз масъалаҳои муассир дар танзими шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ таъминкунандаи рушди устувори иқтисодии ҳар кишвар вобаста ба шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаҳои 3.7 ва 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" вобаста ба назорати давлатӣ ва санҷиши риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм дар соли 2023 мониторинги фаъолияти марказҳои касбомӯзӣ ва забономӯзии ғайридавлатӣ дар шаҳри Душанбе аз ҷумла, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Пешрафт - 2014", Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Фаридун", Маркази омӯзиши илмҳои дақиқ "Авитсена", Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Муҳаммад - Б", Маркази таълимии "Лондон Экспресс", Маркази омӯзишии "Ҳамсафар - 2020" ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суханвар" гузаронда шуд.

Натиҷаи мониторинг муайян намуд, ки дар ин муассисаҳо гурӯҳҳои таълимӣ, номгӯйи касбҳо, фанҳои таълимӣ ва теъдоди шунавандагон тибқи нишондоди замимаи иҷозатнома ба роҳ монда шуда, ҳолатҳои риоя нагардидани нишондоди замимаи иҷозатнома ошкор карда нашуд.

Бояд тазаккур дод, ки барои амалишавии Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тибқи нақшаи чорабиниҳои барнома дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ 580 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки 255 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда, пурра аз худ карда шуд.

Аз ҷониби муассисаҳои таълимии системаи вазорат ва маълумотҳои пешниҳодгардидаи вазорату идораҳои дахлдор  дар соли 2023 дар маҷмӯъ, 217969 нафар шаҳрвандони бешуғл ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд, ки 70 ҳазору 638 нафари онро занону духтарон ташкил медиҳад.

Вазорат, ҷиҳати амалишавии Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои  солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабрисоли 2020, №703 тасдиқ гардидааст, тадбирҳои зарурири роҳандозӣ менамояд.